# ТАҚРИЗ

**ба кори диссертатсионии Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзӯи «Такмили механизми устувории низоми бонкии тоҷикистон дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10-Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шудааст.**

## 1. МУБРАМИЯТИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

Мубрамӣ ва зарурияти баргузории мавзӯи таҳқиқот дар давраи иқтисодиёти бозорӣ низоми бонкӣ ҳамчун муҳаррики асосӣ ва пешбарандаи рушди иқтисодиёт, ки ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсоли хизматрасонӣ ва шаҳрвандони алоҳида амалкунанда нақши муҳим дорад. Механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳо раванди ташаккули муомилоти пулӣ буда ба субъектҳои гуногун ва алоҳидаи хоҷагидор аз рӯи талабот ва имконот маблағҳои зарурӣ пешниҳод менамоянд, ки тавассути онҳо арзиши мубодилаи маҳсулоти меҳнатӣ байни харидору фурӯшанда сурат мегирад ва ҷараёни гардиши сармоя ботадриҷ рушд намуда, имконияти истифодаи васеъи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ шарти зарурии пешрафт дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии ҷомеа мебошад, ки ҳамаи ин муҳимиятҳои рушди низоми бонкӣ ва муаммоҳои онро таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ дар худ фаро гирифтааст.

## 2. СОХТОР ВА МАЗМУНИ ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ РИСОЛАИ ИЛМӢ

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот аз бавуҷуд овардани заминаи назариявии ҳалли муаммоҳо ва таъмини устувории низоми бонкӣ дар сатҳи муносибатҳои умдаи гуногуни татбиқи ҳадаф, аз вазифаҳои зерин вобаста аст:

- таҳия ва татбиқи чораҳои таъсиррасонанда барои ҳалли мушкилотҳои низоми бонкӣ дар сатҳи дохилӣ ва байналмилалӣ;
- таҳлили таркибӣ ва фунсионалии муаммоҳои низоми бонкӣ дар доираи имкониятҳои мавҷудаи иқтидори иқтисодии кишвар;
- ошкор кардани намудҳои равандҳои суботи низоми бонкӣ ва хусусиятҳои зуҳуроти онҳо дар бахши макроиқтисодӣ;
- омӯзиши сабабҳои вайрон кардани тазодҳое, ки боиси коҳиш пайдо кардани устувории фаъолияти низоми бонкӣ ва ҷузъҳои алоҳидаи он мегарданд;
- муайян кардани таъсири бо сармоя таъмин кардани низоми бонкӣ ва методологияи сафарбарсозии дороиҳои онҳо;
- пешниҳоди низоми нави мукаммали бонкӣ бо назардошти фарогирии тамоми равандҳои иқтисодиёти кишвар;

- омӯхтани тамоюлҳои рушди таҷрибаи хориҷии баҳодиҳии устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби мақомоти назоратӣ;

- роҳҳои босамари андозагирии муаммоҳо ва хавфҳои низоми бонкӣ дар шароити имрӯза

-асоснок кардани методологияи баҳодиҳии сатҳи хавфҳо ва муаммоҳои стандартикунонидашудаи баҳогузорӣ дар соҳаи бонкӣ;

- коркарди усулҳо оид ба пешгӯии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ вобаста ба мушкилотҳои умумииқтисодӣ дар кишвар.

**Объекти омӯзиш низоми бонкӣ, ки** ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот проблемаҳои назариявӣ**, методологӣ ва амалии низоми бонкӣ бо назардошти роҳҳои алтернативии тағирот дар соҳаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёри, ки бо шароити воқеии ин низом хос мебошад.

**Мақсад, вазифа ва мухтавои тадқиқоти** сохтори рисоларо, ки аз се боб иборат аст дар он асосҳои назариявӣ ва методологии мушкилотҳои низоми бонкӣ ва унсурҳои онро таҳлил мекунад; асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули низоми бонкӣ; хусусиятҳои ташкили низоми бонки дар мамлакатҳои алоҳида; таҷрибаи таъсиси низоми бонкии кишвар ва заминаҳои ҳуқуқии он; механизмҳои устувори ва рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; динамикаи рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият; модели рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бӯҳрони молиявӣ; роҳҳои такмили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номувозинатии иқтисодиёт фаро гирифтааст.

**Асоси назариявӣ ва методологии тадқиқот** дастовардҳои назарияи бонкии ватанӣ ва хориҷӣ, асарҳои муаллифони қаблан зикршуда дар бораи рушд ва коҳиш додани муаммоҳои бахши бонкӣ, принсипҳои асосии назорати самараноки фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар доираи меъёрҳои сохторҳои алоҳида оид ба танзими низоми бонкӣ мебошанд.

Дар диссертатсия усулҳои таҳлили иқтисодӣ, оморӣ, мантиқӣ ва системавӣ, инчунин усулҳои моделсозии математикии равандҳои иқтисодии низоми бонкӣ истифода шудаанд. Ҳангоми таҳияи хулосаҳои худ муаллиф заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқиро дар якҷоягӣ бо як қатор масъалаҳои баррасишаванда ба назар гирифта тадқиқотро ба анҷом расонидааст.

**Таҳқиқот ба маводи санадҳои** меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати аграрӣ; нашрияҳои олимони ватанию хориҷӣ, нашрияҳои даврӣ оид ба қарздиҳии кишоварзӣ, нашрияҳои

Хазинаи Байналмиллалии Аасъор, Бонки ҷаҳонӣ, Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ; омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Бюллетени омори бонкӣ, маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳисоботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон, ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСК «Тоҷиксоиротбонк», ҶСК «Бонки Эсхата», ташкилотҳои қарзии хурд ва захираҳои Интернет; адабиёти таълимию методӣ; коркардҳои муаллиф.

**Навоварии илмии тадқиқот аз ҳалли** масъалаҳои фаврии илмӣ дар самти муаммоҳои низоми бонкӣ ва эътимоднокии унсурҳои алоҳидаи он (ташкилотҳои қарзӣ) иборат аст. Таҳлили ин мушкилот бо дар назардошти тамоюлҳои мавҷудаи рушди бахши бонкӣ ва ҳамгироии иқтисодии он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба анҷом расонида шудааст. Методологияи ташкили низоми стандартикунонии баҳодиҳии бонки тиҷоратӣ асоснок карда шудааст ва модели баҳодиҳии устувории он таҳия карда шудааст.

**Натиҷаҳои асосии илмӣ,** ки навоварии омӯзиши пажуҳишро муайян мекунанд ва дар рафти анҷоми тақиқоти илмӣ ба даст оварда шудаанд аз инҳо иборат мебошанд:

- маҷмӯи хусусиятҳои асосӣ ва мундариҷаи суботи фаъолият ҳамчун як тавсифи маҷмӯии сифати низоми бонкӣ ва унсурҳои алоҳидаи он, ки ба консепсияҳои умумӣ ва махсуси муаммоҳои устувории бахши бонкиро дар ҳамбастагӣ бо равандҳои гуногуни иқтисодӣ бо алоқамандии устувории низоми бонкӣ ошкор сохтааст;

- вобаста аз хусусият, сохтор, арзёбии умумӣ, тавозун, сиёсат, рушди якхелаи бонкҳо, мутобиқати рушди муҳити иқтисодии давлат дар доираи фарогирии хоҷагии халқ таснифи устувории низоми бонкӣ дода шудааст;

- тавсифоти ошкоршудаи устуворӣ: иқтисодӣ, воқеӣ ва тасаввурӣ, дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат, мувозинатёбанда ва бо тавозуни ноустувор, молиявӣ, ташкилӣ, кадрӣ, амалиётӣ, тиҷоратӣ ва ғайра;

- ҳамбастагии диалектикии устуворӣ, субот, тавозун ва эътимоднокии низоми бонкӣ ошкор шудааст. Устуворӣ ба субот асос меёбад ва охирин яке аз сабабҳои нигоҳдории он аст. Баробарӣ ҳамчун асоси устуворӣ амал мекунад ва ба таносуби унсурҳои дохили система ишора мекунад.

Эътимод ба субот вобаста аст ва дараҷаи татбиқи манфиатҳои мушаххасро тавсиф мекунад;

- меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои субот, субот, мувозинати низоми бонкӣ ва эътимоднокии бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шудаанд;

- бо дарназардошти таснифоти намудҳои низоми бонкӣ (банақшагирӣ ва тақсимот, бозор ва давраи гузариш; ягона ва ду сатҳ ва ғайра)

- вобастагии устувори низоми бонкӣ аз шаклҳои моликияти сармояи бонкӣ, тақсимоти ҳудудии бонкҳои тиҷоратӣ ва андозаи онҳо, иштироки хориҷӣ дар бахши бонкии кишвар ошкор карда шуд;

- асоснокии методологияи ташаккул додани системаи стандартикунонии баҳодиҳии бонки тиҷоратӣ, ки якчанд блокҳоро дар бар мегирад: меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ; самтҳо ва зинаҳои таҳлил; усулҳои баҳодиҳии натиҷаҳои таҳлил; ташаккули рейтинги таркибии устуворӣ; тавсифи гурӯҳҳои гурӯҳбандӣ; - дар асоси таҷрибаи хориҷӣ усулҳои баҳодиҳии хавфи бонк ва идоракунии он, ки ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудаанд, пешниҳод карда шудаанд;

- консепсияи модели алтернативии баҳодиҳии устувории бонкҳои тиҷоратӣ таҳия шудааст, ки имкон медиҳад фаъолияти устувории онҳоро дар оянда аз ҳисоботи молиявии ҷорӣ ва гузашта муайян кунад.

**Тавсияҳои консептуалӣ ва методологии тадқиқот** имкон медиҳанд, ки дастгирии методологии баҳодиҳии боэътимоди устувории ташкилотҳои қарзӣ фарқ карда шуда бонкҳо аз рӯи ҳолати воқеии дороиҳо ва имкониятҳои сифати дороиҳо фарқ карда шуда муаммоҳо ва устувории молиявии онҳо пешгӯӣ карда шаванд.

**Аҳамияти мустақили амалӣ дар таҳияи диссертатсия** асос дорад:

- низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо барои арзёбии муамммоҳои устувории низоми бонкӣ;

-дараҷабандии равандаҳои таҳлилӣ ҳангоми арзёбии омилҳои истифодашавандаи муаммоҳои низоми бонкӣ ва ҷузъҳои асосӣ ва таркибии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ;

- тартиби стандартикунонии таҳлил ва баҳодиҳии муаммоҳои низоми бонкӣ;

- масъалаҳои асосии арзёбии устувории бонки тиҷоратӣ ва роҳҳои ҳали мушкилотҳои асосии он;

- арзёбии омилҳои алоҳидаи усуворӣ ва осебпазирии низоми бонкӣ дар алоҳидагӣ вобаста ба иқтидори молиявии онҳо.

Қайд кардан ба маврид аст, ки пайдарпайи раванди таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ дар доираи рузмарагии мавзӯи пажуҳишӣ дар шароити имрӯзаи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад. Ғайр аз ин таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ пурра фарогири масъалаҳои муҳимтарини рушди суботи ҳаматрафаи низоми бонкӣ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ дар баробари пешравиҳо як қатор камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ҳали онҳо ва дар таҳқиқот ҷой додани онҳо сатҳи илмию амалии корро мустаҳкам мегардонад. Дар рисолаи номбурда камбудиҳои зерин низ ҷой доранд:

1. Ислоҳталаб будани навгониҳои илмӣ, ки ифодаи мантиқии рисоларо пурра инъикос карда наметавонанд;
2. Дар сарсухани рисолаи илми дар аксар маврид норавшанӣ дида мешавад ва масъалаҳое, ки ифодаи амалии рисоларо инъикос менамоянд норавшан ва номукаммал мебошанд;
3. Дар боби якуми параграфи якум ифодаи мантиқии пайдарпайии ҷумлаҳо дар баъзе маврид коста мебошад;
4. Нуқтаи назари олимони ватанӣ дар бораи устувории низоми бонкӣ ва умуман ин низом кам истифода гардидаанд;
5. Хуб мешуд, ки унвонҷӯ гурӯҳбанидии устувории низоми бонкиро аз рӯи арзёбии иқтидори молиявӣ ва захиравӣ дар таҳқиқоти илмии худ истифода менамуд;
6. Хуб мешуд, ки нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ боназардошти ҳиссаи мутллақи он дар бозор арзёбӣ мегардид;
7. Дар таҳқиқоти анҷомдодашуда унвонҷӯ бештар ба масъалаҳои устувории низоми бонкӣ аҳамияти аввалиндараҷа додааст. Дар ҳамин замина хуб мешуд, ки унвонҷӯ ба проблеммаҳое, ки ба устувории низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонанд аҳамияти ҷиддӣ диҳад;
8. Дар рисолаи диссертатсионӣ камбудиҳои граматикӣ, сталистикӣ ва техникӣ бисёр ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо шарт ва зарур мебошад.
9. Унвонҷуро зарур аст, ки муқаддимаи диссертасияро бо матни диссертасияи илмӣ пурра мувофиқ намояд. Зеро муқаддиами диссертасия комилан номукаммал мебошад.
10. Дар муқаддимаи диссертасия тибқи талаботҳои КОА камбудӣ ва норасоиҳои зиёд ба назар мерасад.

Дар хулоса қайд кардан ба маврид аст, ки бо ба назар гирифтани пешравиҳои диссертатсия бо назардошти ислоҳи камбудиҳои дар боло зикргардида ба баррасии минбаъда дар назди факултет тавсия дода мешавад.

**Н.и.и. сардори шуъбаи амалиётии**
**ҶСП "Спитамен Бонк"** **Боймуродов Ҷ.Ҷ.**

**«Имзои Боймуродв Ҷ.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори Департаменти кадрҳо**
**ҶСП "Спитамен Бонк"** **Мирзоева Л.**